# 50024 - Эътикоф дар моҳи Рамазон ва инчунин дар дигар моҳҳо ҷоиз аст

### савол

Оё эътикоф дар ҳар вақт ҷоиз аст? Ё танҳо дар моҳи Рамазон ҷоиз аст?

### Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Эътикоф дар ҳар вақт, дар моҳи Рамазон ва дар ғайри Рамазон суннат аст, вале дар моҳи Рамазон беҳтар аст ва дар даҳаи охири моҳи Рамазон муаккадатар аст.

Умуми далелҳои мустаҳаб будани эътикоф бар он далолат мекунад ва он далелҳо моҳи Рамазон ва ғайри Рамазонро дарбар мегирад. Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (48999) руҷӯъ кунед.

Нававӣ дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/501) гуфтааст:

"Эътикоф бо иҷмои донишмандон суннат аст. Эътикоф бо иҷмои донишмандон воҷиб нест,  модоме ки инсон онро бо назр бар худ воҷиб нагардонад. Зиёд анҷом додани он мустаҳаб аст. Эътикоф мустаҳаб мебошад ва дар даҳаи охири моҳи Рамазон мустаҳабтар мегардад". Поёни сухан.

Инчунин дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/514) гуфтааст:

"Беҳтарин эътикоф он аст, ки ҳамроҳ бо рӯза бошад ва беҳтарин эътикоф дар байни моҳҳо, ин моҳи Рамазон аст ва беҳтарин эътикоф дар байни рӯзҳои моҳи Рамазон, ин даҳаи охири моҳи Рамазон мебошад". Поёни сухан.

Албонӣ дар "Қиёму Рамазон" гуфтааст:

Эътикоф дар Рамазон ва дар дигар рӯзҳои сол суннат аст. Асоси он оятест, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ﴾ البقرة/187 .

**«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишастаед».** (Сураи Бақара: 187).

Ва ҳадисҳои саҳеҳ дар мавриди эътикофи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудаанд ва инчунин асарҳои сершуморе аз гузаштагон оиди он омадааст . . .

Собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар даҳ рӯзи Шаввол ба эътикоф нишастааст. Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: Ман дар ҷоҳилият назр карда будам, ки шабе дар масҷидулҳаром ба эътикоф биншинам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Ба назрат вафо намо».** Пас Умар як шаб ба эътикоф нишаст. Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Бо назардошти ҳадиси Абуҳурайра, эътикоф дар моҳи Рамазон таъкиди бештар дорад. (Абуҳурайра гуфтааст:) **«Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар Рамазон даҳ рӯз ба эътикоф менишаст. Аммо соле, ки вафот кард, бист рӯз ба эътикоф нишаст».** Ривояти Бухорӣ . .

Беҳтарин эътикоф, эътикоф дар даҳаи охири моҳи Рамазон мебошад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим). Поёни сухан бо ихтисор ва каме тағйирот.

Шайх Ибни Боз дар "Маҷмӯу-л-фатово" (15/437) гуфтааст:

"Ҳеҷ шакке нест, ки эътикоф дар масҷид аз ҷумлаи омилҳои наздикӣ ба Аллоҳ аст ва дар Рамазон аз дигар моҳҳо беҳтар аст… Ва ин ибодат дар Рамазон ва ғайри Рамазон машрӯъ аст". Поёни сухан бо ихтисор.

Ба китоби "Фиқҳу-л-эътикоф"-и доктор Холид Ал-Мушайқеҳ (саҳ 41) нигар.